**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 122/2с
аз «01» 09 соли 2023

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Дастурамал дар бораи тартиби пешниҳод намудани шакли ҳисоботи омории №1-А "Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет" ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикршуда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст.

2. Дар бандҳои 1,2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16, 17, 18 ва 19 лоиҳаи болозикр уҳдадориҳо барои ташкилотҳои қарзиии молиявӣ вобаста ба тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод намудани ҳособот оид ба андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда, инчунин ҷаримаҳо ва фоизҳои

ҳисобшуда аз рӯйи онҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пешбинӣ гардидаанд.

3. Дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои болозикр пешбинӣ нагардидааст.

4. Лоиҳа барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасосро пешбинӣ наменамояд.

5. Лоиҳа барои дуруст пешниҳод намудани ҳисобот вобаста ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет мусоидат менамояд.

6. Иловатан пешниҳод мегардад, ки дар матни забони русии лоиҳа хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ бартараф карда шаванд.

Директор Саидзода И.Ҳ.